**ХУЛОСАИ**

**комиссияи ташхиси шурои диссертатсионии 6D.КОА – 67-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ оид ба диссертатсияи номзадии Муҳаммадохирова Ҳанифамо Иброҳимовна дар мавзуи “Хусусиятҳои мундариҷа ва ҳунарии насри Сорбон дар даврони истиқлоли Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик**

Диссертатсияи Муҳаммадохирова Ҳанифамо Иброҳимовна ба таҳқиқи паҳлуҳои насри замони истиқлоли Тоҷикистон дар мисоли осори Сорбон, навиштаҳои ӯ дар даврони мазкур тахсис ёфта, дар он хусусиятҳои ғоявию бадеии насри Сорбон мавриди пажуҳиши махсус қарор гирифтааст. Бояд гуфт, ки дар адабиётшиносии тоҷик доир ба масъалаи пажуҳиши осори Сорбон таҳқиқоти зиёд сурат гирифтааст, вале аҳаммияти рисолаи мавриди гуфтугӯ дар он аст, ки ӯ насри Сорбонро ба таври ҷудогона ва мустақил таҳқиқи густарда ва ҷомеъ намудааст. Бад-ин далел, рисолаи номзадии диссертант рӯзмарра ва мубрам маҳсуб мешавад.

Нововарии илмии рисолаи мазкур дар он аст, ки масъалаҳое, ки дар диссертатсия мавриди баҳсу таҳқиқ қарор гирифтаанд, нахустин пажуҳиши мукаммалу бонизом дар шинохти мухтассот ва вежагиҳои насри Сорбон дар даврони истиқлол мебошанд. Афзун ба ин, таҳқиқи мазкур дар адабиётшиносии тоҷик осори нависандаро бо таваҷҷуҳ ба сабки фардӣ ва равишҳои эҷодии ӯ дар даврони истиқлол, инчунин, масъалаҳои дигаре, чун вежагиҳои мавзуъ, муҳтаво, мундариҷа, ҳунари нигорандагии адиб, тарзи баён, забон ва услуби нависандаро дар марҳилаи мазкур фаро гирифтааст, ки дар навиштаҳои Сорбон бештар ба назар мерасанд.

Нуктаи муҳим он аст, ки диссертант тафовутҳои сабкии ҳикояҳои хурди нависанда, новеллаҳои ӯро бори аввал мавриди пажуҳиш қарор додааст, ки дар накди адабӣ собиқа надоштааст.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсия дар мавзуи “Хусусиятҳои мундариҷа ва ҳунарии насри Сорбон дар даврони истиқлоли Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик мувофиқат мекунад.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия аҳаммият ва дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаву усулҳои пажуҳиш, навгониҳо,

аҳаммияти назарию амалии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсия, коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия шарҳ ёфтааст.

Боби якуми рисола **«Вежагиҳои мавзуӣ ва ғоявии эҷодиёти Сорбон дар даврони истиқлол»** унвон дошта, аз се фасл иборат мебошад. Дар ин боб муаллиф саъй кардааст, ки ҳунари нависандагии адибро дар даврони нав, ки бо истифода аз нафаси тозаи истиқлол, майдони эҷодии васеъ, интихоби озоди мавзуъ ба мавзуи ахлоқ, ахлоқи иҷтимоӣ рӯ оварда, пайи ҳам асарҳои нав ба нав эҷод кардааст, ба риштаи таҳқиқ кашад. Бояд гуфт, ки ин марҳилаи эҷодиёти нависанда комилан нав буда, бо оҳангу мазмуни нави ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва таърихии мардуми кишвар, инчунин, ҳаёти ҳамзамонони Сорбон омезиш ёфта, муаллифро бори дигар чун нависандаи хушсалиқа ва таҷрибаандӯхта дар адабиёти тоҷик шиносонд. Дар бархе аз таълифоти Сорбон симои зани тоҷик, ҳаёти пурпечутоб, нақши ӯ дар рӯзгор ва ҳаёти иҷтимоӣ, симо ва характери ӯ хеле барҷаста тасвир шуда, диссертант саъй ба он доштааст, ки гиреҳҳои онро бозкушоӣ намояд.

Боби дуюми рисола таҳти унвони **«Бозтоби таърихи кишвар дар эҷодиёти Сорбон дар даврони истиқлол»** буда, аз се фасл иборат аст. Ҳанифаи Муҳаммадохир, ки худ нависанда буда, ба аҳли илму адаб навиштаҳояш маълум аст, дар ин боб кӯшидааст, ҳунари нигорандагии Сорбонро дар инъикоси таърих, бозтоби воқеаҳои солҳои навадуми садаи XX дар асарҳои адиб, баррасии мавзуи ҷангро дар осори нависанда мавриди баррасиҳои илмӣ қарор диҳад, ки мулоҳизаҳои шахсии ӯ дар шинохти осори Сорбон қобили эътимод аст. Нависанда бозгӯкунандаи набзи замон аст. Воқеаву ҳодисаҳои маълуми охири солҳои навадуми садаи гузашта бо ҳама ваҳшонияту даҳшатхо, ки рух дода буд, дар санаду таърихномаҳо, аз он ҷумла дар осори адибони замон инъикоси васеи худро ёфтаанд. Сорбон низ чун адиби дардошно ва таърихнигору таърихшинос он рӯзҳои пурҳаводису ҳассоси халқу кишварро бо ҳунари вежаи нависандагии худ рӯйи коғаз овардааст.

Боби сеюм **«Вежагиҳои ҳунарии эчодиёти Сорбон дар даврони нав»** номгузорӣ шуда, низ аз се фасл иборат аст. Диссертант дар ин боб масъалаҳои хусусиятҳои услубии Сорбон дар эҷоди новелла, истифодаи тамсил ва рамзро дар эҷодиёти нависанда ва сабки баёни осори Сорбонро ба таҳқиқ кашида, дар ин боб мулоҳизаҳои шахсӣ ва таҳлилҳои амиқи илмӣ дорад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ дар 11 банд зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъин шудааст.

Аҳаммияти таҳқиқ, навовариҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Муҳаммадохирова Ҳанифамо Иброҳимовна дар мавзуи “Хусусиятҳои мундариҷа ва ҳунарии насри Сорбон дар даврони истиқлоли Тоҷикистон” кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01–Адабиёти тоҷик ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Мазмуни асосии диссертатсия дар 16 мақолаи илмӣ баён гардидааст, ки аз ҷумлаи онҳо 8 мақола дар нашрияҳои тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 8 мақола дар маҷмуаву маҷаллаҳои илмии дигар нашр гардидаанд. Инчунин, мазмуну муҳтавои пажуҳиши мазкур дар конференсияҳои илмӣ баён карда шудаанд. Мақолаҳои илмии муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи номзадии Муҳаммадохирова Ҳанифамо Иброҳимовна дар мавзуи “Хусусиятҳои мундариҷа ва ҳунарии насри Сорбон дар даврони истиқлоли Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 –Адабиёти тоҷик дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА – 067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ - таҳқиқотияшон ба ихтисоси 10.01.01 –Адабиёти тоҷик мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- Сироҷиддини Эмомалӣ – доктори илмҳои филологӣ, декани факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
- Баҳроми Мирсаид – номзади илмҳои филологӣ, директори китобхонаи вилоятии ба номи Тошхӯҷа Асирии шаҳри Хуҷанд.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии ба номи С. Улуғзода пешниҳод шавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаи Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии

АМИТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Ҳакимов Аскар Олимович

**Узви комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Мақсудов Бадриддин

доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Солеҳов Мирзо Одинаевич

08.07.2024.